«Тасдиқ мекунам»
Ректори ДМТ, профессор
Хушвахтзода Қ.Х.
«_15__» ____________2020

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

доир ба диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «**Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**» ҷиҳати дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа.

Диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович «**Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**» дар кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

Дар давраи омодасозии диссертатсия Назаров Саъдулло Турахонович ҳамчун унвонҷӯи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Муаллифи диссертатсия аз соли 2011 то соли 2020 ассистент ва аз моҳи майи соли 2020 то имрӯз дар вазифаи муаллими калони кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият мекунад.

Соли 2011 факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро аз руи ихтисоси фалсафа хатм кардааст.

Шаҳодатнома дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ соли 2020 аз ҷониби Донишгоҳи миллии Тоҷикистон таҳти рақами№4086 дода шудааст.

Роҳбари илмӣ – Комилов Рустам Садуллоевич, доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи таърихи фалсафа ва фалсафаи иҷтимоии ДМТ.

Ҷаласаи кафедраи онтология ва назарияи маърифати факултети фалсафа диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахоновичро дар мавзӯи

«Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа» таҳлилу баррасӣ намуда, хулосаи зеринро қабул кард:

Ибни Боҷҷа яке аз шахсиятҳое буд, ки фалсафаи машшоия, махсусан фалсафаи Форобиро бо андешаҳои тозаи худ ғанӣ сохта, ба тарғиби он дар минтақаи ғарбии хилофат пардохтааст. Албатта ӯ танҳо тарғибгари ақидаҳои Форобию Ибни Сино набуд, балки дар фалсафа, ҷомеашиносӣ, сиёсат ва махсусан ахлоқ андешаҳои тозаи худро доштааст. Маҳз натиҷаи талошҳои ӯ буд, ки донишмандон дар Ғарб, махсусан дар Андалусия бо афкори фалсафию ахлоқии мутафаккирони Шарқи исломӣ шинос шуданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи андешаҳои ин мутафаккир ва фаъолияти ташвиқгаронаи ӯ хеле муҳим мебошад.

Сарфи назар аз он ки ба омӯзиш ва баррасии афкори фалсафии Ибни Боҷҷа муаллифони зиёде рӯй овардаанд, вале, мутаасифона, то ба имрӯз як қатор ҷанбаҳои афкори ӯ таҳқиқношуда боқӣ мондаанд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки афкори ин мутафаккир дар сатҳи кифоя омӯхта нашудааст. Дар ин самт метавон сабабҳои мухталифро махсусан қайд намуд: камтар шӯҳрат пайдо кардани афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, маҳдуд будани сарчашмаҳо, душвориву мураккабии дарки онҳо ва ғайра.

Дар асл бошад бисёре аз назарияҳои ин шахсияти бузурги фалсафӣ сазовори таҳқиқ ва баррасии ҳамаҷониба мебошад. Аз ин рӯ, рисолаи мазкур қадами ҷиддие дар омӯзишу баррасии таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа буда, он халои илмиро, ки дар таҳқиқи фалсафаи машшоияи Шарқ ба вуҷуд омадааст, пурра ва мукаммал созад.

Диссертатсия кори илмии комилу анҷомёфта буда, дорои арзиш ва аҳамияти назарию амалӣ ва навгониҳои илмӣ мебошад. Муаллиф пажӯҳиши пурдомана ва муфассалеро дар сатҳи хуби илмӣ анҷом додааст.

Қайд намудан бамаврид аст, ки дар таҳқиқоти илмии диссертант аз усул ва равишҳои маъмули илмҳои ҷомеашиносӣ самаранок истифода кардааст. Дар натиҷа масъалаҳои мураккаби ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, моҳияти шахсият ва ҷомеа дар таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа таҳқиқоти арзандаеро пешниҳод кардааст. Аз ҷумла, дар рафти таҳқиқ муаллиф аз усулҳои таҳлил, таркиб, таҷрид, индуксия, дедуксия, муқоиса, умумиятдиҳӣ ва ғайра воситаҳои умумиилмӣ ва ҳамчунин аз усулҳои таърихӣ-муқоисавӣ, ягонагии мантиқию таърихӣ, гипотетикӣ-аксиоматикӣ васеъ истифода намудааст.

Таҳқиқоти мазкур дар асоси осори фалсафии ӯ “Рисолат ун-нафс”, “Тадбир ал-мутаваҳҳид” ва дигар асарҳои Ибни Боҷҷа сурат гирифта, моҳияти таълимоти фалсафии ӯро кушода тавонистааст. Муаллифи рисола бо далелҳои муътамад нишон додааст, ки бисёре аз нуктаҳои фалсафаи Ибни Боҷҷа имрӯз ҳам қиммати илмию фарҳангии худро аз даст надодаанд.

Аҳамияти таълимоти Ибни Боҷҷа оид ба масъалаҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ, моҳияти шахсият ва ҷомеа баръало намоён буда, ба рушди минбаъдаи илмҳои фалсафӣ таъсири босамар бахшидаанд. Бори аввал дар илм дар бораи таълимоти фалсафии ин мутафаккир чунин таҳқиқи доманадор ва пурмуҳтаво сурат мегирад. Асосҳои назариявӣ-методологии таҳқиқот дар доираи асосҳои консептуалӣ, бо ба инобат гирифтани шарҳи мафҳумҳои ҳастишиносӣ ва маърифатшиносӣ, масъалаҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ, моҳияти шахсият ва ҷомеа муайян шудаанд. Як сифати хуби кор дар он аст, ки ақидаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа бевосита аз рӯи асарҳои худи Ибни Боҷҷа таҳлил шудаанд. Муаллиф барои муайян кардани андешаҳои фалсафии Ибни Боҷҷа афкори ӯро ба афкори файласуфони замонаш муқоиса намудааст.

Муаллиф инчунин хизмати Ибни Боҷҷаро дар тарғибу такмили фалсафаи машшоияи шарқӣ хуб тасвир кардааст.

**Мақсад ва вазифаҳои кори таҳқиқотӣ** хеле дуруст муайян гардидааст. Маҳз аз мақсаду вазифаҳои таҳқиқот, навгониҳои таҳқиқот муайян мегарданд. Зимни пажӯҳиш ба ҷуз аз методҳои назариявӣ ва умумиилмӣ, усулҳои герменевтикӣ, аксиологӣ, мантиқияту таърихият ва ғайра мавриди ба таври самаранок истифода шудаанд.

**Ҷанбаи назариявиву амалӣ ва навоварии кор дар он зоҳир мегардад, ки** дар Тоҷикистон ва давлатҳои мустақили собиқ Шуравӣ мероси фалсафӣ-назариявии Ибни Боҷҷа бори аввал ба таври комплексӣ баррасӣ мегардад. Таҳлилҳо ва истифодаи маводу сарчашмаҳои навин, ки дар ин кори илмӣ оварда шудаанд, имкон доданд, ки таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа ҳамаҷониба мавриди таҳқиқу баррасии илмӣ қарор гирад ва, нуқтаҳои зерин ошкору равшан гарданд:

- муайян карда шуд, ки шароити иҷтимоиву сиёсии замони зиндагии Ибни Боҷҷа хеле мураккаб будааст. Бо вуҷуди ин, мутафаккир тавонистааст ба рушду инкишофи фарҳанг ва илми замонаш, ки зери таъсири ду фарҳанг сурат гирифтааст, мусоидат кунад. Синтези ҳикмати Юнон ва ислом, ки дар таълимоти фалсафии Ибни Боҷҷа ба назар мерасад далели гуфтаҳои болост;
- мушаххас карда шуд, ки ҳастишиносии Ибни Боҷҷа ба назарияи ҳастишиносии Ибни Сино ва Форобӣ сахт шабоҳат дорад. Дар баробари ҷавҳари аҷсом Ибни Боҷҷа дар пайравӣ ба Ибни Сино ва Форобӣ масъалаҳои назарияи сабабият, ҳаракат, макон ва замон, азалият ва абадияти олам, масъалаи тағйирот ва сабот, инчунин ҷиҳатҳои фалсафии таълимот дар бораи нафсро мавриди таҳлил қарор додааст;
- бори нахуст кӯшиш ба харҷ дода шудааст, ки масъалаи маърифатшиносӣ дар афкори фалсафии Ибни Боҷҷа, ки то ин вақт дар таҳқиқотҳои илмӣ дар шакли низоми муайяни илмӣ таҳқиқ нашуда буд, пай дар пай тавсифу баёни худро пайдо кунад;
- дар рафти таҳқиқот мушаххас гардид, ки Ибни Боҷҷа ба он муқаррароте такя менамояд, ки инсон аз рӯи табиати худ узви ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамъиятӣ ва сиёсӣ-фарҳангӣ мебошад. Ба андешаи ӯ, муттаҳид гардидан дар шаҳрҳо талаботи табиӣ буда, он сабаби

маърифатнокӣ ва унс гирифтани одамон мегардад. Масъалаи шахс ва мақоми ӯ дар ҷомеа, ки яке аз масъалаҳои муҳими фалсафаи машшоия ба ҳисоб меравaнд, дар осори Ибни Боҷҷа низ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ибни Боҷҷа нисбати онҳо назари тозаи худро дорад, ки дар таҳқиқотҳои то ба ин вақт анҷомшуда камтар ба онҳо эътибор дода шуда буд. Дар рисола масъалаи мазкур таҳлили муфассали худро пайдо кардааст;

- масъалаҳои фалсафаи амалии мутафаккир бори аввал мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифтаанд, аз ҷумла масъалаи оила, муоширaт, тарбияи фарзанд ва ғайра.

**Натиҷаҳои бадастоварда** ва хулосаҳои ҷамъбастшудаи диссертатсияро метавон минбаъд барои иҷрои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фалсафа, инчунин ҳангоми таҳия кардани маҷмӯаҳои таълимӣ-методӣ, тавсияҳои илмӣ-методӣ ва курси мухтасари лексияҳо оид ба фалсафаи тоҷик мавриди истифодабарӣ қарор дод. Илова бар ин, маводи рисолаи мазкур, натиҷа ва хулосаҳои онро ҳангоми хондани курсҳои махсус ва тадриси таърихи фалсафаи тоҷик, фалсафаи табиат, онтология ва назарияи маърифат, мафҳумҳои бунёдии фалсафа низ метавон истифода намуд.

Автореферат ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф моҳияти диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Мақолаҳои нашрнамудаи Назаров С.Т. дар маҷаллаҳои тақризшаванда:

[1-М] Назаров С.Т. Таълимоти ахлоқии Ибни Боҷа // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №3/3. Душанбе, 2017. С.148-151.

[2-М] Назаров С.Т., Худойдодов Ф.Б. Тавсифи умумии осори мантиқии Ибни Сино // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №3/2. Душанбе, 2017. С.147-151.

[3-М] Назаров С.Т. Масоили ягонагии саодатмандӣ ва назарияи ҷомеаи ормонии Ибни Боҷа // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №9. Душанбе, 2019. С. 180-190.

[4-М] Назаров С.Т. Ҷанбаҳои иҷтимоиву этикии фалсафаи Ибни Боҷа // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои фалсафа №10. Душанбе, 2019. С. 126-129.

Дар маҷмӯъ, диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович дар мавзӯи «**Афкори фалсафӣ ва иҷтимоӣ-сиёсии Ибни Боҷҷа**» кори илмии комилу анҷомёфта мебошад, ки ба ихтисоси 09.00.03- таърихи фалсафа пурра мувофиқат дорад ва онро метавон барои ҳимоя тавсия намуд.

Хулосаи мазкур дар маҷлиси кафедраи онтология ва назарияи маърифати Донишгоҳи миллии Тоҷиктсон қабул гардид. Дар ҷаласа иштирок карданд 11 нафар. Натиҷаи овоздиҳии кушода, ҷиҳати ба ҳимоя пешниҳод шудани диссертатсияи Назаров Саъдулло Турахонович ба тариқи зайл сурат гирифт:

тарафдор - 11 нафар; зид - нест, бетараф нест. Суратҷаласаи №1 аз 13.08.2020.

**Раисикунада дар маҷлиси кафедра**
**д.и.ф., профессори кафедраи онтология ва**
**назарияи маърифати ДМТ, ________________Аҳмадов С.**

**Котиб:**
**Муаллими калони кафедраи онтология**
**ва назарияи маърифати ДМТ, н.и.ф. ______________Қаландаров М.И.**

Имзои Аҳмадов С. ва Қаландаров М.-ро тасдиқ мекунам:
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои**
**махсуси ДМТ ________________ Тавқиев Э.**